«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ,
профессор ________Ибодуллозода И.И.
«22» __________________2023с.

# Хулосаи
## ҷаласаи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ аз 29-уми июни соли 2019 суратмаҷлиси № 12/4.7 мавзуи диссертатсияи доктории Зикирзода Ҳобил таҳти унвони “**Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ”** зери роҳбарии доктори илмҳои фалсафа, профессор А.Шамолов тасдиқ карда, омода шудааст.

Диссертант Зикирзода Ҳобил аз соли 2005 ба ҳайси аспирант, ассистент, муаллими калон ва дотсент фаъолият бурдааст. Ӯ инчунин дар вазифаҳои мудири шуъбаи кор бо ҷавонони ДДОТ ба номи С. Айнӣ (2001-2005), раиси иттифоқи касабаи донишҷӯёни Донишгоҳ (2005-2013),мудири кафедраи фалсафа (2013-2014), декани факултети география (2014-2015), мудири кафедраи фалсафа (2015-2016), декани факултети забонҳои романӣ-германӣ (2016-2018), мудири кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ (2018-2021) ва раиси иттифоқи касбаи устодону кормандони Донишгоҳ (2021 то ҳол) ифои вазифа намудааст. Соли 2009 рисолаи номзадии худро таҳти унвони “Фалсафаи иҷтимоӣ ва сиёсии Ибни Халдун” ҳимоя намудааст.

Диссертатсияи доктории Зикирзода Ҳобил зери унвони “Консепсияи озодӣ ва фармонбардорӣ (итоат) дар фалсафаи машшоияи шарқӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03–таърихи фалсафа пешниҳод карда шудааст, дар кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расонида шудааст.

Диссертатсияи доктории Зикирзода Ҳобил дар ҷаласаи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 12-уми сентябри соли 2023 суратмаҷлиси № 2 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас азислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шуд.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи мазкур дар мавзуи “Консепсияи озодӣ ва фармонбардорӣ (итоат) дар фалсафаи машшоияи шарқӣ” чунин хулосаҳо бароварда шуд.

### Тавсифи умумии таҳқиқот

**1. Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи доктории Зикирзода Ҳобил зери унвони “Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ”мавзуи таҳқиқнашуда ва рӯзмарра ба ҳисоб меравад. Асоснок карда шудааст, ки дар

шароити ҷаҳони муосир, ки хусусияти анҷомёбии ҳукмронии секулярӣ дошта, бо табдили он ба болоравии арзиши ҳуввияти этнофарҳангӣ, динӣ ва идеологӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ робита дорад, мушкилоти таҳқиқи консепсияҳои табиати инсон, озодӣ, фармонбардорӣ ва ҳуқуқҳои табиии ӯ аҳамияти хосаро доро мешаванд. Консепсияи муосири озодӣ ва фармонбардории инсон бо хусусияти умумибашарии он, қолабҳои муқарраршудаи озодии виҷдони фард бо далели тафовути фарҳангҳо, ҳатмӣ мутобиқат надоштани он ба як қолаби муайяни ҳуқуқӣ баррасӣ мегардад ва формулаи ягонаи ақлонии ахлоқӣ ё динии озодии инсон вуҷуд надорад, ки ҳама бояд ба он мувофиқат кунанд. Ба маънои дигар, вазъияте ба вуҷуд меояд, ки барои дарки фарҳанги муайян бояд ба сарчашмаҳои пайдоиши ин консепсия рӯ овард. Мушаххасан баррасӣ ва таҳлил намудани имкониятҳои татбики қолабҳои озодии инсон бо омӯзиши вижагиҳои он дар фарҳанги халқҳои гуногун ва давраҳои мухталиф бо бардошти арзишҳои муҳимтарини онҳо ба аҳамияти таҳқиқотамон дар бораи озодӣ ва фармонбардорӣ далолат мекунад.

Аҳамияти таҳқиқоти фалсафаи озодӣ дар осори машшоиёни шарқӣ ҳамчунин, дар он ифода меёбад, ки дар замони муосир масъалаи озодӣ ва фармонбардорӣ яке аз масъалаҳои бунёдии марбут ба инсон ва ҳаёти иҷтимоии ӯ аст, ки дар ҷанбаҳои мухталифи он инъикос меёбад. Дар маҷмуъ, масъалаи мазкур ба муҳити имрӯзаи ҷаҳоншумул рабт дорад, ки он инсонро ҳарчи бештар барои дарк кардан ва ба даст овардани озодии шахсиаш таҳрик дода, барои касби хислатҳои мустақилӣ, хирадмандӣ, саъю кӯшишҳо барои беҳбудии ҳаёташ ба ҳадде мерасонад, ки дар ин равиш қудратҳои табиӣ барои иҷрои иродаи инсон монеаи камтар эҷод менамоянд. Эволютсияи ихтиёрии инсон, ки аз беҳшавии хислатҳо ва истеъдодҳои ӯ далолат мекунад, аломати озодии вай мебошад. Ба эътиқоди файласуфони машшоияи шарқӣ ин озодии инсон барои саодати ӯ муҳим ва зарурати фитрӣ буда, дар гуфтор, рафторҳо ва одатҳои дигари ӯ зоҳир мешаванд: инсон масъули саодат ва ё бадбахтии худаш аст. Муқаррар намудан ва асоснок намудани инҳо ва масоили дигаре, ки ба озодӣ ва фармонбардории инсон пайвастагӣ доранд ва муқоисаи онҳо бо мутафаккирону файласуфони ғайриисломии гузашта ва муосир аҳамияти омӯзиши ин мавзуъро муайян мекунанд.

Дар замони муосир, ки таърих ва сарнавишти инсон пур аз таҳлукаю изтироб аст, омилҳо ва сабабҳои мухталифе вуҷуд доранд, ки муҳаққиқонро водор мекунанд, ки гаштаву баргашта ба афкор ва ақоиди мутафаккирони гузаштаи исломӣ дар мисоли машшоиёни шарқӣ, ҳамчун як ҷузъи фарҳанги тоҷикон, рӯ орем. Ҳодисаҳои даҳсолаҳои охир, ки бо раванди босуръати сиёсишавии оммаи мардум дар кишварҳои минтақаи этнофарҳангии тоҷику мусулмон иртибот доранд, аҳамияти озодии инсонро дар қолабҳои фалсафии исломӣ дар муқобили озодии инсон дар қолабҳои идеологӣ ва сиёсии ислом ва ноустувории ин қолаби муқарраршударо нишон доданд. Аз ин ҷо, баррасӣ ва таҳлили афкори мактабҳои ақлгарои ислом, алалхусус, мактаби фикрии машшоияи шарқӣ ва файласуфони барҷастаи он, саъю кӯшишҳои муваффақ

ва бобарори онҳо дар ҳаллу фасли мушкилоти вобаста ба масъалаи озодӣ ва фармонбардории инсон бағоят муҳим аст.

Бо дар назардошти ин матлаб бояд гуфт, ки муҳаққиқон ва олимони гуногун доир ба консепсияи озодӣ ва фармонбардорӣ дар таҳқиқи фалсафаи озодии машшоиёни шарқӣ вобаста ба тафовутҳои маъноӣ ва консептуалии онҳо, ин мафҳумҳоро дар ченакҳо ва нуқоти назари мухталиф баррасӣ кардан лозим аст ва бо гирифтани маълумоти бештар дар бораи истифода, вазифа ва ҳадафҳои онҳо дар бораи ҳаёти маънавӣ ва иҷтимоии халқу миллатҳои гуногун ба шинохти бештар ноил гаштан мумкин аст. Омӯзиши ин масъала дар таҷрибаи гузаштаи ниёкони тоҷикон, ки машшоиёни шарқӣ аз ҷумлаи онҳоанд, хеле ибратбахш буда, ба он имрӯз дар сатҳҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ мароқи махсус зоҳир мешавад, аммо дар сатҳи фалсафӣ (ҳадди ақал дар доираи илмии пасошӯравӣ ва билхоса, дар Тоҷикистон) то ба ҳол ягон таҳқиқоти мукаммал ва муассире коркард нашудааст, ки тавассути он аз баҳогузориҳои яктарафаи фалсафаи исломӣ дар бисёр таҳқиқоти гузашта ва имрӯзаи муҳаққиқони Ғарб ба сӯйи таҳлили амиқи илмӣ ва натиҷабарорӣ дар бораи дурнамои консепсияи озодӣ ва фармонбардорӣ таҳаввулот сурат гирифта бошанд.

Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон тибқи Конститутсия ва қонунҳои дигари он шахс ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ ба мадди аввал гузошта шуда, дарки ин тамоюл ба ташаккул ёфтани ризоияти шаҳрвандӣ мусоидат намуда, барои барангехтани низоъҳои қавмӣ ва динӣ-мазҳабӣ монеъ мешаванд. Бинобар ҳамин, дар ҷомеаи Тоҷикистон инкишоф додани идеяи озодии инсон ҳамчун масъалаи ҷаҳоншумулӣ, ки асоси бунёди ҷомеаи кушоди шаҳрвандӣ, давлати ҳуқуқбунёд мебошад, аҳамияти дарки фалсафии масъалаи озодӣ ва фармонбардориро дар доираи арзишҳои фарҳангӣ-таърихӣ (дар мисоли машшоияи шарқӣ) дар шароити куллан тағйирёфтаи иҷтимоӣ-фарҳангии кишвар ба миён меоварад.

Зимни омода намудани диссертатсия тамоми талаботи муқарраргардида оид ба таҳияи диссертатсияи докторӣ риоя шуда, аз лиҳози сохтор пирнсипҳои пайдарпайӣ, низомнокии ҷо ба ҷо гузории масъалаҳо, таҳлилу муқоисаи андешаҳо пурра ба эътибор гирифта шудааст. Таҳқиқот кори илмии мустақилона анҷомёфтаи муаллиф мебошад.

**2. Ҳадафи таҳқиқот** омӯзиши асосҳои фалсафии озодӣ ва фармонбардорӣ (итоат) дар таълимоти мутафаккирони машшоияи шарқӣ мебошад. Иҷрои вазифаҳои дар доираи ҳадафи мазкур пешниҳодшуда фарогири тамоми паҳлуҳои масъалаи таҳқиқшаванда маҳсуб меёбанд.

**3. Навгонии илмии таҳқиқот** натиҷаҳои илмии зерин ба ҳисоб мераванд:

- масъалаи озодӣ ва фармонбардорӣ дар таълимоти машшоиёни шарқӣ бори аввал дар фазои илмии пасошӯравӣ, аз ҷумла, Тоҷикистон, дар шакли як таҳқиқоти мукаммал мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифт;

- аз нигоҳи илмӣ асоснок гардид, ки омилҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии ташаккулёбии консепсияи озодӣ ва фармонбардорӣ дар таълимоти

машшоиёни шаркӣ барои синтези назарияҳо ва таълимоти мактабҳои фалсафию динии гуногун заминаи аќлгароиро ба вуҷуд овардааст;

- дар доираи фаҳмишии динӣ ва фалсафии масъалаҳои ҷабр ва ихтиёр, қазо ва қадар дар таълимоти машшоиён иртиботи онҳо бо озодии инсон ба таври мукаммал ва муназзам нишон дода шуда, асоснок мегардад, ки инсон дар кору кирдораш озод аст ва қазою қадари илоҳӣ бар пояи илми ӯ қарор мегирад ва сарнавишти инсонро пешакӣ муайян карда, ба ӯ имкон додааст, ки ҳаёташро худаш идора кунад;

- таҳлили муқоисавии масъалаи озодӣ ва фармонбардорӣ дар таълимоти машшоиёни шаркӣ нишон дод, ки ҳарчанде ки озодии иродаи инсон априори аз иродаи Худо вобаста аст, аммо инсон аз тариқи ихтиёр ва интихоб озодии иродаашро ба кор бурда метавонад. Ин имконияти зуҳурёбии озодии ирода дар мадинаи фозилаи машшоиёни шаркӣ бо бартарияти он бар фармонбардории инсон таҳлил ва асоснок шудааст;

- таҳлили муқоисавии масъалаи озодӣ ва масъулияти шахс нишон дод, ки фаҳмиши ин таносуб дар ақоиди мутафаккирони машшоия нисбат ва ихтилофу тазодҳо, умумияти бештар дорад. Муқаррар гардид, ки фармонбардории инсон аз назари машшоиён маънои бардагию ғуломии фитрӣ надорад, балки он тобеиятест, ки онро дар мадинаи фозила мартаба ва мақомҳои одамон тақозо мекунад;

- бори аввал ба таври муқоисавӣ озодӣ ва фармондбардории инсон дар муносибат бо ҳокимияти динӣ ва сиёсӣ таҳлил ва баррасӣ ёфта, маҳаки асосии ин муносибат дар адолати илоҳӣ ва иҷтимоӣ муайян гардидааст.

**4. Аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои таҳлилҳои нави илмии умуминазариявии фалсафа ва соҳавии таърихи фалсафа ба кор рафта метавонанд. Масъалаҳои фалсафӣ ва илмие, ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд, нуктаҳои назари мубоҳисавиро оид ба паҳлуҳои гуногуни озодӣ ва фармонбардории инсон ба миён оварда, дар таҳқиқоти минбаъда аз онҳо истифода бурдан мумкин аст. Хулосаҳои диссертатсия барои вусъат бахшидани таҳқиқоти омӯзиши масъалаи озодӣ ва фармонбардории инсон ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти илмӣ-таҳқиқоти антропологӣ-иҷтимоӣ мусоидат ва инчунин, дар таҳияи ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ва танзими ҳуқуқи инсон аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва созмонҳои дигар истифода шуда метавонанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди таълими таърихи фалсафа, диншиносӣ, фалсафаи иҷтимоӣ, антропология, ахлоқ, фарҳангшиносӣ ва ғайра мавриди истифода қарор гирифта метавонанд.

5. **Мутобиқати мазмуни таҳқиқот ба ихтисоси интихобшуда.** Таҳқиқот ба талаботи Шиносномаи тахассус: 09.00.03 - таърихи фалсафа мувофиқат мекунад.

**6. Саҳми шахсии довталаб.** Саҳми шахсии муаллиф дар муайян кардани ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, таҳлили манбаъҳои иттилоот, муайян кардани объект ва предмети таҳқиқот, гузориши саволҳои асосии таҳқиқот барои баррасӣ, коркард ва тафсири маълумоти бадастомада, муқаррароти

назариявӣ ва методологӣ, тавсияҳо ва хулосаҳои диссертатсия ҳамчун дастовардҳои ӯ арзёбӣ мегарданд. Хусусан, таҳлили ҷанбаҳои масъалаҳои вобаста ба озодӣ ва фармонбардории инсон, монанди иродаи инсон, қазою қадар, ҷабр ва ихтиёр, масъулияти ахлоқии шахс ва дар доираи муносибат бо ҳокимияти динӣ ва сиёсӣ ва ғайра дар чаҳорчӯби омилҳои гуногуни ғоявӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз як тараф, аз тарафи дигар дар чаҳорчӯбаи баҳсҳои онтологӣ ва гносеологии ин масъала хоси диссертатсияи мазкур мебошад. Саҳми шахсии муаллиф инчунин, дар муқоиса ва таҳлилҳои афкори мутафаккирони машшоияи шарқӣ бо ақоиди мактабҳои фалсафӣ ва динии дигар, монанди муътазила, тасаввуф, мактабҳои гуногуни Юнони қадим ва файласуфони муосири ғарбӣ дар робита бо масъалаи озодӣ ва фармонбардорӣ муайян карда мешавад.

**7. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо интихоби методҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, миқдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқот истифода мешаванд, эътимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашуда ва коркардашуда оид ба мавзуи таҳқиқот, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар рисола мавҷуданд, инчунин нашрияҳо тасдиқ карда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ пешниҳод карда шудаанд.

**8. Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар семинарҳои илмӣ-назариявии кафедраи фалсафа, конференсияҳои илмӣ-амалие, ки ҳар сол (2018-2023) дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин баргузор шуданд, гузориш дода шудааст.

**9. Интишороти натиҷаҳои диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф 16 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии эътирофкардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 334 саҳифаро ташкил медиҳад.

## Феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия

### I. Монография

1. Зикирзода Х. Социально-политическая философия Ибн Халдуна. – Душанбе, 2018. 169 с.

2. Зикирзода Х. Консепсияи озодӣ ва фармонбардорӣ (итоат) дар фалсафаи машшоияи шарқӣ. – Душанбе: “Эр-Граф”, 2023. 379 с.

### II. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои эътирофгардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М] Зикирзода Ҳ. Озодӣ ва фармонбардорӣ (итоат) дар доираи баҳсҳои онтологӣ дар таърихи фалсафа [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Ахбори Академияи илмҳои Тоҷикистон, 4 (265). - Душанбе, 2021. С. 28-34.

[2-М] Зикирзода Ҳ. Консепсияи ҳақиқат дар фалсафаи Юнони қадим [Матн] /Ҳ. Зикирзода // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, № 2. - Душанбе, 2021. С. 61-67.

[3-М] Зикирзода Ҳ. Масъалаи озодии инсон дар доираи фаҳмиши фалсафии он [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, № 2. - Душанбе, 2022. С. 70-77.

[4-М] Зикирзода Ҳ. Озодӣ ва фармонбардорӣ: таъриф, принсипҳо ва усулҳои фалсафии таҳқиқоти онҳо [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, № 4. - Душанбе, 2021. С. 23-28.

[5-М] Зикирзода Ҳ. Озодии ирода ва тамоюлҳои зидноки он бо итоат [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми филиали донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, № 2. (24). - Душанбе, 2022. С. 63-76.

[6-М] Зикирзода Ҳ. Масъалаи қазо ва қадар дар меҳвари озодӣ ва фармонбардории инсон [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 4. - Душанбе, 2022. С. 256-263.

[7-М] Зикирзода Х. К проблеме свободы в круге онтологических дискуссий исламских мыслителей [Текст] /Х. Зикирзода// Вестник Таджикского национального университета, № 6. - Душанбе, 2023. С 86-92.

[8-М] Зикирзода Ҳ. Заминаҳои ормонии назарияи озодӣ ва фармонбардории шахс [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 10. – Душанбе, 2023. С 178-183.

[9-М] Зикирзода Х. Озодӣ ва фармонбардорӣ дар муносибат бо ҳокимияти сиёсӣ-иҷтимоӣ [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 9. – Душанбе, 2023. С. 156-164.

[10-М] Зикирзода Ҳ. Адолат – асоси назарияи озодӣ ва фармонбардорӣ (итоат)-и шахс [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 8. – Душанбе, 2023. С 119-128.

[11-М] Зикирзода Ҳ. Консепсияи озодӣ ва фармонбардории инсон дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қонунҳои исломӣ (дар мисоли таълимоти Абу Насри Форобӣ) [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ, № 1 (24). – Хоруғ, 2023. С. 52-58.

[12-М] Зикирзода Ҳ. Озодӣ ва фармонбардории инсон дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қонунҳои исломӣ (дар мисоли таълимоти Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ) [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ, № 2 (25). – Хоруғ, 2023. С. 45-51.

[13-М] Зикирзода Х. Проблема свободы и повиновения в учениях таджикских философско-религиозных течений [Текст] /Х. Зикирзода// Вестник Хорогского государственного университета, № 3 (27) – Хорог, 2023. С 86-93.

[14-М] Зикирзода Ҳ. Доир ба баъзе масъалаҳои озодӣ ва фармонбардорӣ дар таълимоти машшоиёни шарқӣ [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ, № 3 (27). – Хоруғ, 2023. С 77-85.

[15-М] Зикирзода Ҳ. Моҳияти масъалаи фармонбардорӣ ва озодии инсон дар доираи консепсияи ҷабр ва ихтиёр дар таълимоти машшоиёни

шарқӣ [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 11. – Душанбе, 2023. С 145-152.

[16-М] Зикирзода Ҳ. Масъалаи адолат ҳамчун пояи консепсияи назарияи озодӣ вафармонбардори (итоат)-и шахс дар таълимоти машшоиёни шарқӣ [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ, № 4 (28). – Хоруғ, 2023. С 109-119.

Диссертатсияи доктории Зикирзода Ҳобил зери унвони “Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ” барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда, ба марҳилаҳои навбатии ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Коркарди рисола.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар якчанд конференсияҳои илмию амалии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос ёфтааст.

Диссертатсияи Зикирзода Ҳобил дар мавзуи “Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ” кори анҷомёфтаи илмӣ буда, аз рӯйи мазмуну мундариҷа бо ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа пурра мувофиқат намуда, аз рӯйи сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияи докторӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар ҷаласаи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ иштирок доштанд 22 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ - 18 нафар. Аз ҷумла, бо ихтисоси рисолаи муҳокимагардида се нафар доктори илм, профессор ва 6 нафар н.и.ф., дотсентон. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 18 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ суратмаҷлиси № 2 аз 12-уми сентябри соли 2023 қабул карда шуд.

**Раис:**
доктори илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Самиев Б.Ҷ.

**Котиб:**
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи
фалсафа ва фарҳангшиносии
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Бердиев Ш.П.

Имзои Б.Ҷ. Самиев ва Ш.П. Бердиевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ А.Мустафозода